# ТАҚРИЗИ

**роҳбарӣ илмӣ ба таҳқиқи дисссертатсионии Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи «Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмики», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва менерология аз рӯйи ихтисоси 25.00.08 – геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ пешниҳод шудааст.**

Мубрами мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ Ёқубзода Шокир Абулфайз соли 2026 ба ихтисоси аксбардории геологӣ ҷустуҷӯ ва инкишофи конҳои кандании фоиданок дохил шуда, онро соли 2011 бо дипломи ДТО №226463 (муҳандис геолог) хатм намудаст.

Кори диссертатсионии Ёқубзода Шокир Абулфайз аз муқаддима, 4 боб 19 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, тдараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёби гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳмияти назариявӣ ва амамалӣ муайян карда шуданд.

*Дар боби якум* шаҳри фаҳмишҳои мавҷуда дар хусуси хусусиятҳои геологӣ, геоморфологӣ тектоникӣ ва сейсмикии ҳудуди хавзаи рӯди сурхоб оварда шуда аст. Инҷунин ба таври кӯтоҳ тавсифи орогидрографии мавзеъи таҳқикот тавсифи умумии хусусиятҳои геологии ҳудуд, таркиби моддавии ҷинсҳо ва ҳамҷунин хусусиятҳои тектоникӣ ва минтақаҳои сохторӣ-форматсионӣ оварда шудаанд. Маълумот дар бораи таҳқиқоти геологӣ, сейсмикӣ ва ярчии ҳудуд низ гирд оварда шудаанд.

*Дар боби дуюм* шароити муҳандисӣ-геологӣ Ҳисору Олой ва ҷаҳорҷӯбаи баландкӯҳи депрессияи Тоҷик бо таваҷӯҳ ба арзёбии хатари ярч ва усулҳои харитасозии он баррасӣ шудааст. Ба принсипҳои асосии баҳодиҳии хавфи ярч, методологияи тавсири ҳодисаҳои ярч бо истифода аз маълумотҳои моҳворавӣ, инҷунин равандҳои геологии экзогенӣ ва ҳодисаҳои минтақаи Рашт-Лахш, ки дар ҳавзаи рӯди Сурхоб воқеъ аст, диққати махсус дода мешавад. Таҳкиқот ба омӯхтани таъсири раванҳои табиӣ ба устувории нишебиҳои кӯҳҳо, пешгӯӣ ва пешгирӣ кардани раванҳои ярчӣ равона карда шудааст.

*Дар боби сеюм* ҷанбаҳои асосии арзёбии таъсири сейсмикӣ ба қаламрави Тоҷикистон баррасӣ мешавад. Аз ҷумла, таҳлили маълумоти микросейсмикие, ки барои омӯзиши фаъолияти сейсмикии минтақа истифода мешавад, оварда шудааст. Арзёбии хатари сейсмики қаламрави Тоҷикистон бо назардошти хусусияти шароити геологӣ ва тектоники маҳаллӣ баррасӣ мешавад. Инҷунин таърихи мухтасари арзёбиҳои қабилии хатари сейсмикӣ низ оварда шудааст, ки ба мо имкон медиҳад динамикаи тағйиротро дар фаҳмиши таҳдид пайгирӣ кунем.

*Дар боби чорум* ба омӯзиши таъсири мутақобилаи ҳодисаҳои сейсмикӣ бо равадҳои ярчии замин бахшида шудааст. Намудҳои гуногуни ярҷхои сейсмогенӣ, азҷумла ярҷҳои сатҳи ва ҷуқур, инчунин робитаи онҳо бо фаъолияти сейсмикии минтақа ба назар гирифта мешавад. Ба раванеди ба вуҷуд омадани ярҷҳои чуқури сейсмогенӣ аз ҷумла аломатҳои сейсмогении ярч ва фурурезӣ

диққати махсус дода мешавад. Таҳлили омилҳои асосие, ки ба ташаккули ярч дар минтақаи таҳқиқшаванда таъсир мерасонанд, аз қабили фаъолияти сейсмикӣ, сохтори хок ва шароити иқлимӣ чиҳати муҳим дар рисолаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамбаст гардиданд.

Нуқтаи илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шуданд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфоронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулосаи диссертатсияи **Ёқубзода Шокир Абулфайз** дар мавзуи **«Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, чиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.08 – Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор,
професори кафедраи математика ва илмҳои табиии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе М.С. Саидов
25 августи соли 2025

Суроға: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино-1, кӯчаи С. Шерозӣ
37/2, ҳуҷраи 50. Телефон: (+992) 938 68 97 10
E-mail: saidov-mirzo@mail.ru.

Имзои Саидов М.С. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои
махсуси филиали ДДМ ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кӯчаи Бохтар 35/1, ҳуҷраи 206
Телефон: +992 (37) 221-99-41
E-mail: info@msu.tj

2 сентябри соли 2025